«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ. Б. _____
«05» ноябри соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, хусусан, банди 7-уми «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур комилан мувофиқат мекунад.

Мувофиқат ва ҳамхонии мавзуъ бо банди ёдшуда беш аз ҳар чиз дар ин нукта таҷаллӣ меёбад, ки корбурд ва ҷойгоҳи санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун барҷастатарин шоир ва мутафаккири адабиёти форсии тоҷикӣ дар садаҳои XVII ва XVIII-и милодӣ ва «қуллаи шеъри сабки ҳиндӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ ҳамчун падидаҳои муҳимми ҳунариву маъниофарии Бедил таҳлил шуда, ба нақши онҳо дар халқи маъною тасвир, баёни андешаҳои гуногуни фалсафию иҷтимоӣ ва шаклгирии вижагиҳои сабкии ғазалиёти шоир равшанӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, пажуҳиши мавриди назар бо масъалаи сабкшиносӣ, баррасии вижагиҳои ҳунарӣ ва раванди таҳаввули эҷоди бадеӣ дар ин давра иртиботи мустақим ва бунёдӣ дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрамии мавзуи интихобшуда, пеш аз ҳама, аз аҳаммияти осори Мирзо Абдулқодири Бедил дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва нақши ӯ дар такомулу таҳаввули сабки ҳиндӣ ва расидан ба сабки махсуси «бедилӣ» дар дохили он таҷассум меёбад. Осори Бедил, аз ҷумла ғазалиёти ӯ, бо мураккабияти андеша, густардагии маъно, забону баёни махсус, маҷозу истиораҳои ғайримаъмулӣ ва дар робита қарор додани мафҳумҳои дур аз

ҳам барои баёни мазмуни хоссе аз тамоми шоирони гузаштаву муосираш фарқи намоён дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши падидаҳое, ки ба эҷоди чунин образҳо мусоидат мекунанд, барои дарки амиқтари хусусиятҳои сабки ҳиндӣ ва поэтикаи шоир аҳаммияти зиёд дорад.

Ҳиссомезӣ дар адабиёт падидаи ба ҳам пайвастану омехтани дарку тасаввуроти гуногуни ҳиссӣ ва мутаноқизнамоӣ тасвир ё ифодаест, ки ду тарафи таркиби он аз нигоҳи мафҳумӣ якдигарро нақз мекунанд ва дар сатҳи зоҳирӣ зиддиятнок менамоянд. Ин ду падидаи бадеӣ воситаҳои муҳимми ғанӣ гардондани забони шеър ба шумор мераванд. Омӯзиши онҳо дар ғазалиёти Бедил имкон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои бадеию сабкӣ, балки тарзи тафаккури шоир, мантиқи образофарӣ ва муносибати ӯ ба забону баён низ равшантар муайян карда шаванд.

Аҳаммияти дигари мавзуъ дар он ифода меёбад, ки ин ду падида (ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ) ҳамчун санъатҳои нисбатан нави бадеӣ дар доираи адабиётшиносии тоҷик тоза ва таҳқиқнашуда буда, дар корҳои диссертатсионии то ҳол анҷомшуда ба онҳо фақат ишораҳое шудаасту бас.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Пешниҳоди гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси асосҳои адабиётшиносӣ, ҳангоми пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд бо поэтика, баррасии санъатҳои шеърии ин ё он адиб ва таҳқиқи хусусиятҳои бадеии ашъори шоирон арзиши муҳим доранд. Аз муҳтавои умумии диссертатсия бармеояд, ки масъалаҳои асосӣ дар иртибот байни баррасии назарӣ ва татбиқи амалӣ дар заминаи маводди шеърӣ анҷом дода шудааст. Зимни таҳқиқи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил диссертант танҳо ба муайян кардани мисолҳои алоҳида иктифо накарда, кӯшиш кардааст ҳар намунаро дар заминаи маънои байт, робитаи ҷузъҳои тасвир, муҳити матнӣ ва вазифаи бадеии он шарҳ диҳад. Аз ин рӯ, хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссератсия матраҳшуда мебошанд, ки ба ҳадди зарурӣ **асоснок шуда, ҷанбаи қавии илмӣ** доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» падидаи илмии пурмуҳтаво ва нав маҳсуб ёфта, дар адабиётшиносии тоҷик нахустин кори таҳқиқӣ дар мавзуи мазкур мебошад. Аз ин рӯ, метавонем онро пажуҳиши муҳим ва саривақтӣ ба шумор орем.

Ҷанбаи навгонии таҳқиқ дар интихоби санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ ҳамчун ду воситаи муҳимми сабксоз дар ғазалиёти Бедил ва кӯшиши баррасии муназзами онҳо зоҳир мегардад. Дар таҳқиқ мафҳумҳои «ҳиссомезӣ» ва «мутаноқизнамоӣ» аз нигоҳи луғавӣ ва истилоҳӣ таъриф шуда, вижагиҳои ҳар ду падида дар ғазалиёти шоир ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, корбурди санъати ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Бедил аз нигоҳи вежагиҳои сохторӣ, балоғӣ, маъноӣ ва тақсимбандии он аз асоси таркиби ҳисҳо баррасӣ шуда, мутаноқизнамоӣ аз зовияи сохтор, мазмунҳои меҳварӣ, таносуби он бо дигар шигардҳои пурбасомади ғазалиёти шоир баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар тавсеа ва густариши иттилооту дониши мавҷуда дар бораи поэтикаи Бедил (хусусан, дар заминаи корбурди санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ), сабки ҳиндӣ ва имконоти маъноофарии забону баён дар адабиёти форсии тоҷикӣ, ба вежа шеър, ифода меёбад. Таҳлили ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил имкон медиҳад, ки робитаи байни ҳисҳо ва мафҳумҳои абстрактӣ (зеҳнӣ), хусусиятҳои омезиши ҳисҳо, таҷрибаҳои ботинӣ ва шеваҳои эҷоди мазмунҳои нав равшан карда шаванд. Ҳамин тариқ, баррасии санъати мутаноқизнамоӣ низ роҳҳои баёни андешаҳои мураккаби шоиронаю орифонаи Бедил, ҷаҳонбинии хос ва маъноҳои бисёрқабатаро дар ғазалҳои ӯ нишон медиҳад.

Натиҷаҳои диссертатсия имкон медиҳад, ки дар таҳқиқоти минбаъда оид ба балоғату бадеъ, сабкшиносӣ, назарияҳои адабӣ, санъатҳои бадеӣ ва таҳлили ашъори шоирони гуногун, аз ҷумла Бедил, аз он ба таври васеъ истифода карда шавад. Маводди баррасишуда дар таҳқиқ, ҳамчунин, барои таҳияи мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва корҳои илмии дигар дар бораи осори Бедил ва намояндагони сабки ҳиндӣ заминаи муносиб фароҳам меорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар истифодаи натиҷаҳо ҳангоми таълими таърихи адабиёти форсу тоҷик, адабиёти асри XVII, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт ва таҳлили матни бадеӣ зоҳир мешавад. Намунаҳои баррасишуда метавонанд барои таҳияи маводди таълимӣ, курси лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён истифода гарданд. Инчунин, натиҷаҳо метавонанд ба омӯзиши бештари санъатҳои нисбатан наве ҳамчун ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиётшиносии тоҷик мусоидат кунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи Эҳсон Хуршед Рӯзибой аз интихоби сарчашмаҳои боэътимод, истифодаи матнҳои саҳеҳи девони Бедил

(«Девони Бедили Деҳлавӣ», тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд дар ду ҷилд ва «Куллиёти Бедили Деҳлавӣ» бо тасҳеҳи Баҳман Халифа Баноравонӣ дар як ҷилду ду бахш), риояи меъёрҳои ягонаи таҳлил ва пешниҳоди истинодҳои санҷишпазир инъикос ёфтааст.

Истифодаи методҳои илмӣ-таҳқиқии тавсифию тафсирӣ, сохторию семантикӣ, оморӣ ва таҳлилӣ барои асоснок намудани натиҷаҳо мусоидат кардаанд. Таснифу гурӯҳбандии санъатҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил бо низоммандии мушаххас анҷом ёфта, шоҳидҳои шеърӣ бо диққату тааммул интихоб ва истифода шудаанд, ки **боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳоро** таъмин намудаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ дар 14 банд оварда шудаанд, ки қобили эътимод ва асосноканд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Саҳми шахсии Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар интихоби мавзуъ, муайян кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ (бо роҳнамоии роҳбари илмӣ), ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии маводди шеърии таҳқиқ, таҳлили намунаҳо ва таҳияи хулосаҳо ифода меёбад. Муаллифи диссертатсия зимни баррасии масъалаҳои назарии санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиётшиносии Аврупо, Русия, Эрон ва Тоҷикистон, ҷойгоҳ, анвоъ, сохтор, басомад ва хусусиятҳои дигари онҳоро дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил тавассути ақидаҳои шахсӣ ва андешаҳои илмиаш асосноку мудаллал баён кардааст. Таълифоти муаллифи диссертатсия ва силсилаи мақолаҳои ба табъ расонидаи ӯ фарогири натиҷаҳои асосии таҳқиқ буда, саҳми фардиашро дар ҳалли масъалаҳои мавриди пажуҳиш равшанӣ мебахшанд.

Ҳамзамон, иштироки диссертант дар маҳфилҳо ва ҳамоишҳои илмӣ, инчунин, нашри мақолаҳои илмии ӯ вобаста ба мавзуи таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз саҳми мустақилонаи ӯ дар анҷом додани пажуҳиши мазкур шаҳодат медиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой фарогири масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ буда, дар он ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ бо низоми муайян ва дар асоси далелу мисолҳои мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Сохтори мантиқӣ ва пайдарпайии баёни матлаб, асоснокии андешаҳои назариявӣ ва пешниҳоди мулоҳизаҳои нави илмӣ аз бартариҳои кори мазкур ба шумор мераванд. Масъалагузориҳои илмӣ ва кӯшиши муаллиф дар самти тавсеаи доираи баҳсҳои адабиётшиносӣ қобили дастгирӣ ва арзёбии мусбат мебошанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда. Муҳтавои асосии диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 7 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Таҳлили ҳамаҷонибаи падидаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ ва ҷойгоҳу вижагиҳои онҳо дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар диссертатсия ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, баёнгари он ҳастанд, ки ин таҳқиқ ба таври шоиста анҷом дода шудааст.

Ба таври куллӣ, омӯзиши илмии ду санъати бадеии нисбатан нав дар илми адабиётшиносии тоҷик ва, ҳатто, дар адабиётшиносии русию аврупоию эронӣ, муайян намудани вежагиҳои сохторӣ, балоғӣ, маъноӣ, таркибӣ, навъи корбурд ва таносуби онҳо бо дигар санъатҳои пурбасомад дар ғазалиёти Бедил ва баррасии унсури муҳимми сабксоз будани онҳо дар осори шоир қобили таваҷҷуҳ буда, дорои аҳаммият ва арзиши муайяни илмӣ мебошад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ» унвон гирифта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар фасли якум - «Пешинаи пажуҳиши ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ» таърихи омӯзиш ва таҳқиқи ин ду воситаи тасвири бадеӣ, вазъи баррасии онҳо дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ва хусусиятҳои ташаккули дидгоҳҳои илмӣ дар мавриди ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин фасл заминаҳои назариявии омӯзиши масъала муайян гардида, дараҷаи таҳқиқи он дар илми адабиётшиносӣ арзёбӣ шудааст. Фасли дуюми боби аввал зери унвони «Шинохти истилоҳи “ҳиссомезӣ» ба шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҳиссомезӣ, баррасии хусусиятҳои истилоҳӣ ва муайян намудани моҳияти бадеии он бахшида шудааст. Муаллиф дар ин қисмати таҳқиқот ба масъалаи дарки ҳиссӣ ва ҳамбастагии ҳисҳои инсон таваҷҷуҳ намуда, заминаҳои назариявии шинохти ҳиссомезиро ҳамчун воситаи эҷоди тасвирҳои бадеӣ муайян кардааст. Дар фасли сеюм “мутаноқизнамоӣ” аз нигоҳи моҳияти истилоҳ, хусусиятҳои маъноӣ ва нақши он дар ташаккули тасвирҳои

бадеии дорои муносибатҳои зоҳиран мухолиф баррасӣ гардидааст. Фасли чаҳоруми ин боб зери унвони «Ҷойгоҳи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ» омада, ба муайян намудани мавқеъ ва аҳаммияти ин ду падидаи бадеӣ дар шеъри классикӣ бахшида шудааст. Ин боби диссертатсия аз нигоҳи фарогирии масъалаҳои назарии ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ дар адабиётшиносии муосир ниҳоят пурбор буда, аз ҷустуҷӯҳои амиқи диссертант хабар медиҳад ва **аз дастовардҳои илмии** ӯ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ном дошта, ба таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ, балоғӣ, маъноӣ ва сабкшиносии ҳиссомезӣ дар эҷодиёти шоир бахшида шудааст.

Яке **аз ҷиҳатҳои хуби** ин боб аз он иборат аст, ки унвончӯ намунаҳои шеърии зиёдеро аз девони Бедил пайдо ва дастабандӣ намудааст, ки санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ бо ҳам дар як байт ва гоҳе дар як мисраъ омадаанд. Аз ҷиҳати дигар, диссертант аксари шоҳидҳои шеърии овардаи худро ҳам аз нигоҳи балоғӣ ва ҳам аз назари маъноӣ нисбатан муфассал баррасӣ кардааст, ки ин амал **амиқрафти муҳаққиқро** дар кори таҳқиқ нишон медиҳад.

Намунаҳои ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедилро муаллиф ба ду гурӯҳ (таркибӣ ва ғайритаркибӣ) ҷудо карда, сохтори таркибиро боз дар навбати худ ба таркиби изофӣ ва васфӣ тақсим кардааст, ки ин гурӯҳбандӣ **низоммандии корро** таъмин намудааст.

Зерфасли дуюми ин боб «Вежагиҳои балоғии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил» унвон дошта, ба сохтори балоғии ҳиссомезӣ аз назари ду сӯйи таркиб, ки дар заминаи тасвирҳои ташбеҳӣ, истиорӣ, маҷозӣ ва киноӣ ба вуҷуд омадаанд, таваҷҷуҳ шудааст. Дар ин бахш баъд аз баррасӣ ва таҳлили чанд намуна барои ҳар як навъи тасвирҳо 6-7 шоҳиди шеърии дигар барои тақвият ва асоснок кардани фикр оварда шудаанд, ки аз **ҷустуҷӯҳои илмии унвончӯ** шаҳодат медиҳанд.

Дар зерфасли сеюм - «Вежагиҳои маъноии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил» муаллиф қайд мекунад, ки дар баъзе мақолаҳои то ҳол навишташуда дар ин замина омезиши ҳис бо мафҳумҳои зеҳнӣ ҷузъи ҳиссомезӣ дониста шудааст, аммо ба назари диссертант, онро метавон ҳамчун падидаи мустақил ба баррасӣ гирифт ва истилоҳи "ҳиссумафҳумомезӣ" барои он муносиб аст. Ба назари мо, ин андеша аз мустақилияти муаллиф ва ҷасорати илмии ӯ дарак дода, метавон онро **кашфу дастоварди таҳқиқи** ӯ ба шумор овард.

«Тақсимбандии ҳиссомезӣ бар асоси таркиби ҳисҳо дар ғазалиёти Бедил» фасли дуюми боби дуюми диссертатсия буда, дар он намунаҳои ҳиссомезии Бедил аз рӯйи муносибат ва таркибу омезиши ҳисҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Ин

фасл яке аз бахшҳои меҳварии мавзуи ҳиссомезӣ мебошад, аз ин рӯ, шоҳидҳои шеърӣ ба таври муфассал ба баррасӣ гирифта шуда, ҳаҷми он 25 саҳифаи чопиро фаро гирифтааст, ки аз истифодаи босамари **донишҳои илмию назарии муаллиф** шаҳодат медиҳад.

Яке аз **дастовардҳои дигари муаллиф** дар ин бахш аз он иборат аст, ки бо баррасии намунаҳои фаровони ҳиссомезиҳои Бедил, онҳоро бар асоси таркиби ҳисҳо ба 9 гуна (*биной-шунавой, биной-бӯёӣ, биной-чашой, биной-ломиса, шунавой-чашой, шунавой-бӯёӣ, шунавой-ломиса, бӯёӣ-ломиса, бӯёӣ-чашой*) ҷудо карда, барои ҳар кадом шоҳидҳои шеърии дақиқ ва дуруст овардааст.

Дар маҷмуъ, боби дуюм бо такя ба таҳлили сохторӣ, балоғӣ ва маъноии ҳиссомезиҳо хусусиятҳои корбурди ин падидаро дар ғазалиёти Бедил муайян намуда, аҳаммияти онро дар ташаккули сабки фардии шоир равшан месозад. Чунин усули таҳлил боис ба афзунии қимати илмии диссертатсия гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Баррасии мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил» унвон дошта, ба таҳқиқи хусусиятҳои корбурдӣ, сохторӣ, маъноӣ ва сабксозии мутаноқизнамой дар ашъори шоир бахшида шудааст. Дар фасли якум, ки «Вежагиҳои корбурди мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил» ном дорад, хусусиятҳои истифодаи ин санъати маънавӣ, имконоти бадеии он ва муносибаташ бо дигар воситаҳои тасвири бадеӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Фасли мазкур аз се зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли якум «Таносуби мутаноқизнамой бо дигар шигардҳои пурбасомад дар ғазалиёти Бедил» робитаи мутаноқизнамой бо дигар воситаҳои маъмули бадеӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил таҳлил гардида, масъалаи ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо дар ташаккули тасвирҳои шоирона баррасӣ шудааст. Дар ин бахш муаллиф қайд мекунад, ки мутаноқизнамой беш аз ҳар санъат ва шигарди дигаре дар ғазалҳои Бедил истифода шуда, зимни таҳқиқи хеш беш аз 940 намунаи онро маълум кардааст. Дар ин қисмат муаллиф ба шигардҳо ва санъатҳои дигаре, ки баъд аз ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил басомади боло доранд, аз ҷумла, *вобастаҳои ададии хос, ташхис, таркибҳои хос, таҷрид, услуби муодила ва мотивҳои нав* пардохтааст, ки **хусни корро дучанд афзудааст.**

«Сохтори мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил» зерфасли дуюми ин фасл бӯда, ба таҳқиқи таркиб ва сохтори ҷузъҳои мутаноқизнамой бахшида шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки намунаҳои мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил аз назари сохтори забонӣ дар сохту шаклҳои *таркибҳои изофию васфӣ ва сохтори ғайритаркибии ҷумла ва калимаҳои мураккаб* дида мешавад, ки намунаҳои баррасишуда ин дастабандиро комилан тасдиқ мекунанд [диссертатсия, с. 155-

158]. Таҳлил ва тафсирҳои маъноие, ки муаллифи диссертатсия зимни овардани ин гуна намунаҳо анҷом додааст, ҷолиби диққат буда, **фаҳму дарки хуби ӯро аз шеъри Бедил нишон медиҳанд.**

Дар зерфасли сеюм, ки ба «Мазмунҳои меҳварӣ дар мутаноқизнамоиҳои ғазалиёти Бедил» бахшида шудааст, мазмунҳои асосие, ки тавассути мутаноқизнамоӣ ифода гаштаанд, баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ин падидаи бадеӣ дар инъикоси андешаҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва иҷтимоии шоир муайян шудаанд. Дар ин бахш мазмунсозиҳои Бедил, ки бо мафҳумҳо ва ҳолатҳое ҳамчун *хомӯшию фарёд, урёнию пӯшидагӣ, рӯшноию зулмат, ҳастию нестӣ, озодию асорат, дарёву қатра, пастию уруҷ, аҷзу нотавонӣ, хандаву гиря* ва ғайра эҷод шудааст, баррасӣ гардида, мисолҳои муносибу мувофиқ оварда шудааст. Ба андешаи муаллиф, "он чи дар бораи маънои мафҳумҳои ҳастию нестӣ, пастию уруҷ, хандаву гиря ва ғайра медонистем, дар мутаноқизнамоиҳои Бедил гоҳе комилан ва гоҳе то андозае маъноящон дигаргун мешавад [диссертатсия, с. 171].

Фасли дуюми боби сеюм «Мутаноқизнамоӣ – унсури сабксоз дар ғазалиёти Бедил» унвон дошта, ба муайян намудани нақши ин санъати бадеӣ дар ташаккули сабки хоси шоир бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, яке аз далелҳои аслие, ки мутаноқизнамоиро метавон унсури муҳимми сабксоз дар ғазалиёти Бедил ба шумор овард, басомади зиёди истифодаи он (беш аз 900 бор) аст. Инчунин, омилҳои дигаре ҳамчун: а) вежагии фалсафии андешаи Бедил, б) нигоҳи ирфонии шоир ба ҳастӣ ва в) сохтори забонӣ ва сабкӣ боис гардидааст, ки мутаноқизнамоӣ дар осори ӯ зиёд ба кор рафта, ҷузъи муҳимми сабксоз ба ҳисоб ояд. Ин гуна нигариши илмию мантиқӣ баррасӣ ва таҳлилҳои диссертантро **асоснок ва илмӣ кардааст**.

Дар бахши хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст гардида, андешаҳои назариявӣ ва хулосаҳои аз таҳлили ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил бадастомада ба низом дароварда шудаанд. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқро бо назардошти ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузошташуда ҷамъбаст намуда, аҳаммияти ин ду воситаи бадеиро дар ташаккули сабки фардии шоир муайян кардааст. Дар бахши «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» самтҳои имконпазири истифодаи дастовардҳои илмӣ дар омӯзиши адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, таҳқиқи сабки ҳиндӣ ва таълими фанҳои адабиётшиносӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслу зерфаслҳои дахлдор, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, масъалаи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил аз ҷанбаҳои назариявӣ, сохторӣ, маъноӣ, балоғӣ ва

сабкшиносӣ ба таври илмӣ ва мушаххас мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Сохтори кор мантиқан пайдарпай буда, аз муайян намудани асосҳои назариявии масъала оғоз ёфта, бо таҳлили мушаххаси ҳар ду падида дар эҷодиёти шоир ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада идома меёбад. Ин тарзи баррасӣ барои равшан намудани хусусиятҳои истифодаи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ ва муайян кардани мақоми онҳо ҳамчун унсурҳои сабксоз дар ғазалиёти Бедил заминаи муносиб фароҳам овардааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар 14 банд ба таври муҷаз ва муназзам оварда шудаанд, ки натиҷаҳои ҷустуҷӯҳову баррасиҳои пурдоманаи ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба тоҷикию форсӣ ва русию англисӣ, ки миқдорашон ба 202 адад расидааст, аз як тараф, вусъату паҳнои баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз тарафи дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин пажуҳиш мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 7 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ. Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба талаботи бандҳои 29-31, 33-36-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд ва мувофиқат мекунанд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Дар баробари аҳаммияти мавзуъ ва имконоти таҳқиқии он барои такмили минбаъдаи кор метавон чанд масъалаи тавсиявиро зикр кард:

1. Агар диссертант дараҷаи таҳқиқи мавзуъро таҷдиди назар намуда, мукаммалтар мекард, сифати пажуҳиш баландтар мегардид.

2. Тарзи баёни диссертант дар фасли дувуми боби якум хусусияти тавсифӣ гирифтааст ва зарур аст, ки он бо баёни хулосаҳои илмӣ қавитар карда шавад.

3. Дар фасли чоруми боби аввал, ки ба ҷойгоҳи ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ бахшида шудааст, намунаҳои шеърӣ аввал аз Абулқосими Фирдавсӣ, сипас аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оварда шудааст. Беҳтар аст, ки тартиби хронологӣ риоя гардида, шоҳидҳои шеърӣ нахуст аз ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оварда шаванд.

4. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (масалан, дар саҳифаҳои 20, 26, 31 ва 33) ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши корро боз ҳам меафзояд.

5. Дар баъзе фаслҳои бобҳи якум ва дуюми диссертатсия (фасли якуми боби аввал, фасли дуюми боби дувум ва фасли якуми боби сеюм) услуби илмии таҳқиқ бо услуби публитсистӣ омезиш ёфтааст, ки баъди ислоҳи онҳо ҳусни илмии рисола афзунтар мегардад.

6. Агар дар баробари кушодани мавзуи мавриди таҳқиқ байтҳои чун шоҳиди шеърӣ овардашуда аз нигоҳи ҳунари шоирӣ ба таври комилтар баррасӣ мегардид, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, метавон онро дастоварди тоза дар илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор овард.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 74-78-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

муҳокима ва тасдиқ шудааст (суратҷаласаи № 4, аз 3-юми ноябри соли 2026). Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Салими Хатлонӣ

Эксперт:
номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи
назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистонба номи С. Улуғзода Шамсов Нурмад
Сироҷович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Боев Шавкат
Элмуродович

Имзоҳои профессорон С. Хатлонӣ,
Н. С. Шамсов ва дотсент Ш. Э. Боевро
тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Сиҷоатова Мунира
Ғайратовна

Нишонии муассисаи пешбар:
734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев,17/6
Тел.: +992 (37) 2325029; 2325000; факс: +992 (37) 2325000
E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.dbz.tj
«03» ноябри соли 2026